ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири *Bacillus subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Исвалиев С.М. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои калидии эпизоотология ва микробиологияи ветеринарӣ – ташхиси тафриқии бемории сил дар чорвои калони шохдор бахшида шудааст.

Дар рисола хусусиятҳои биологии микобактерияҳои ғайрисилӣ ва омӯзиши вазъи эпизоотӣ дар хоҷагиҳои чорводории шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар байни ҳайвонот дар як маврид гузаронидани тадқиқоти аллергӣ, бактериологӣ бо мақсади муайян намудани намудҳои микобактерияҳо, инчунин пахш намудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ бо истифода аз бактерияҳои антагонист, ба тарзи муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ин муҳтаво пурра ба ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқ мебошад.

2. Мубрамии мавзӯи таҳқиқот

Бемории сил дар байни бемориҳои сироятии ҳам одамон ва ҳам ҳайвонот яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Мубрамияти ин масъала дар байни аҳолӣ дар он аст, ки сил на танҳо ба саломатии оммавии ҷомеа таҳдиди ҷиддӣ дорад, балки устувории он ба доруворӣ ва хавфи гузариши ангезанда аз ҳайвоноти бемор ба одамон (сил аз намуди гов) ташвиши глобалиро ба вуҷуд овардааст.

Аз ин лиҳоз, дар коркарди чорабиниҳои илман асосноккардашуда зидди ин беморӣ, омӯзиши амиқи эпизоотология, эпидемиология, ташхис, ташхиси тафриқавӣ ва коркарди системаи самаранокии пешгирӣ ва нигоҳдории солимии ҳам одамон ва ҳам ҳайвонот нақши асосиро мебозад.

Бемории сил на танҳо ба чорводорӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад, балки манбаи ҷиддии сирояти одамон мебошад. Ба ин беморӣ одамон, ширхӯрон, парандагон ва ҳайвоноти хунсард гирифтор мешаванд. Ангезандаи он (микобактерияҳо) ба одамон тавассути нафаскашӣ, истеъмоли гӯшту шири хом ё тамоси наздик бо ҳайвони бемор мегузарад.

Ин хусусияти зоонозӣ хавфи сирояти чорводорон, коргарони фермаҳо ва аҳолии деҳотро ба куллӣ зиёд мекунад. Аз сабаби дер ташхис шудан ва табобати дарозмуддат, сили зоонозӣ яке аз мушкилоти муҳимми тандурустии ҷамъиятӣ ба шумор меравад.

Муаллиф тавассути тадқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ хавфи баланди зоонозӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ин бемориро исбот намудааст. Натиҷаҳои бадастомада зарурати таҳкими назорати эпизоотӣ, беҳтар кардани ташхис, риояи биокафолат ва ҳамкории соҳаҳои тиббу ветеринарияро нишон медиҳанд. Ин масъала барои таъмини амнияти тандурустии ҷамъиятӣ ва ветеринарии кишвар мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Тадқиқоти анҷомёфта аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ дорои навгонии баланд аст. Муҳимтарин дастоварди илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал алоқамандии паҳншавии бемории сили ҳайвонот ва ташхиси он бо усули намунаи симултании туберкулинӣ (бо истифода аз СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ) омӯхта шудааст. Инчунин, таркиб ва ҳайати намудии микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ паҳн гардидаанд, муқаррар карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ташхис, аввалин бор дар ин минтақа таъсирнокӣ ва фаъолнокии бактериостатӣ ва бактериосидии ҳайлҳои *Bacillus subtilis* нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ муайян карда шуда, таҳия ва пешниҳод гардид.

Хусусиятҳои ҳассоскунандаи (сенсибиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилии *M. phlei*, *M. smegmatis* ва *M. fortuitum* мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ин кор навгонии муҳиме дар тадқиқоти ватанӣ буда, барои беҳтар фаҳмидани эпизоотология ва эпидемиологияи сил дар Тоҷикистон замина мегузорад.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд инҳо мебошанд: қонуниятҳои паҳншавӣ ва динамикаи аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар хоҷагиҳои аз назари бемории сил мусоиди шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон; хусусиятҳои иллатзоӣ (патогенӣ) ва сенсибиликунандаи (ҳассоскунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ дар бадани ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор, ки дар натиҷаи тадқиқоти лабораториву истеҳсолӣ муқаррар гардидаанд, инчунин таъсири бактериостатикии штаммҳои *Bacillus subtilis* ба зоҳирёбии аксуламалҳои аллергии ғайрихос ҳангоми ворид намудани СХТ-туберкулин барои ширхӯрон дар шароити озмоишгоҳӣ.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда бо маҷмӯи таҳқиқоти амиқи назариявӣ, озмоишгоҳӣ ва таҷрибаҳои истеҳсолӣ таъмин карда шудааст. Эътимоднокии кор ба ҳаҷми кофии материалҳои тадқиқотӣ, истифодаи усулҳои микробиологӣ, иммунологиву ветеринарӣ ва мониторинги бисёрмарҳилавии эпизоотологӣ такя мекунад.

5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсия дорои сохтори мукаммали методологӣ буда, аз 149 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Сохтори кор қисмҳои анъанавиро дар бар мегирад: муқаддима, қисми назариявӣ (баррасии адабиёт), усулҳои тадқиқот, натиҷаҳои шахсӣ ва муҳокимаи онҳо, хулосаҳо, тавсияҳои истеҳсолӣ, рӯйхати мавод ва замимаҳо.

Барои баёни равшани таҳлилҳо дар матн 19 ҷадвал ва 21 тасвир (аз ҷумла 10 диаграмма) истифода шудааст. Тадқиқот ба 191 манбаи илмӣ (128 ба забони русӣ ва 63 ба забонҳои хориҷӣ) такя намуда, бо назардошти дастовардҳои муосири илмӣ иҷро шудааст. Аҳаммияти амалии кор ва татбиқи он дар истеҳсолот бо ҳуҷҷатҳои бахши замимаҳо кафолат дода мешавад.

Дар боби аввали диссертатсия (шарҳи адабиёт) масъалаҳои муҳимми марбут ба микобактерияҳои ғайрисилӣ, аз ҷумла манбаъҳои пайдоиш ва роҳҳои сироятёбии ҳайвонот ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Муаллиф ба ташхиси тафриқавии аксуламалҳои парааллергӣ ба туберкулин, таъсири *Bacillus subtilis* нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ ва истифодаи пробиотикҳо дар асоси бактерияҳои ҷинси *Bacillus* таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Хулосаи ин бахш сатҳи баланди огоҳии муаллифро аз дастовардҳои муосири илми соҳавӣ нишон медиҳад.

Боби 2, ки ба мавод ва усулҳои тадқиқот бахшида шудааст, заминаи методологии корро ташкил медиҳад. Истифодаи усулҳои санҷиши аллергии симултанӣ, сирояткунии таҷрибавӣ бо штаммҳои маҳаллии микобактерияҳои ғайрисилӣ, таҳлили клиникиву патологоанатомӣ ва арзёбии фаъолияти пробиотикҳо имкон доданд, ки хусусиятҳои сенсибилизатсионии ин микроорганизмҳо дар шароити Тоҷикистон бо эътимоднокии баланд муайян карда шаванд.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти хусусии муаллиф ва таҳлили вазъи эпизоотологиву эпидемиологии бемории сил дар Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Тадқиқот масъалаҳои муҳим, аз ҷумла хусусиятҳои патогении микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва мавҷудияти микобактериозҳоро дар хоҷагиҳои чорводорӣ фаро мегирад.

Муаллиф усулҳои ташхиси тафриқавии аксуламалҳои ғайрихоси туберкулиниро дар чорвои калони шохдор ҷорӣ намуда, таъсири антагонистиву фурунишондиҳандаи штаммҳои пробиотикии «Лаксубтил» ва «Субтилбен»-ро нисбат ба микобактерияҳо (аз ҷумла гурӯҳи чоруми Ранон) исбот кардааст. Дар асоси ин таҳқиқот, нақшаи нави ташхиси тафриқавии сили чорво таҳия гардид. Арзёбии илмии аҳаммияти иҷтимоии беморӣ, таъсири он ба соҳаи чорводорӣ ва саломатии аҳолӣ гувоҳи аҳаммияти баланди амалии ин кор дар соҳаи ветеринария ва тиб мебошад.

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд. Ҷанбаи илмии кор бо муқаррар намудани таркиби намудии микобактерияҳои ғайрисилӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии арзиши ташхисии намунаи симултании туберкулинӣ (бо истифода аз СХТ-туберкулин ва АММҒ) асоснок карда мешавад. Омӯзиши таъсири штаммҳои *Bacillus subtilis* ба микобактерияҳои ғайрисилӣ бахши муҳиммест, ки заминаи назариявии соҳаҳои эпизоотология ва иммунологияро устувор мегардонад.

Аз нигоҳи амалӣ, ин тадқиқот воситаҳои мукаммали ташхиси сахроиро пешниҳод мекунад. Тавсияҳои методии таҳияшуда, ки усулҳои санҷиши симултанӣ ва ташхиси патологоанатомии чорвои калони шохдорро фаро мегиранд, дақиқии таҳлилҳоро ба таври назаррас баланд мебардоранд. Ин дастовардҳо барои ҷорӣ намудан дар марказҳои ташхиси ветеринарӣ ва хадамоти давлатии байторӣ бо мақсади устувор кардани назорати эпизоотӣ комилан мувофиқ ва заруранд.

Аҳаммияти иқтисодӣ. Тадқиқоти мазкур аз нигоҳи иқтисодӣ низ аҳаммияти калон дорад. Ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис хатогиҳои таҳлилиро кам карда, пеши роҳи талафоти беасоси ҳайвонотро мегирад. Дар натиҷа, маҳсулнокии чорводорӣ, махсусан истеҳсоли шир афзоиш ёфта, заминаи иқтисодии хоҷагиҳо мустаҳкам мегардад. Сарфаи маблағҳо аз ҳисоби кам кардани хароҷоти табобат, коҳиши зарурати нобудсозии чорвои сироятёфта ва кам шудани чораҳои такрории зиддиэпизоотӣ ҳам барои бахши хусусӣ ва ҳам барои сохторҳои давлатӣ манфиати баланди молиявӣ меорад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ. Аз нигоҳи иҷтимоӣ, ин тадқиқот мақоми муҳим дорад, зеро пешгирии гузаштани сироят аз ҳайвон ба инсон вазифаи аввалиндараҷаи тандурустии ҷамъиятист. Беҳтар шудани усулҳои ташхису назорат имкон медиҳад, ки саломатии гурӯҳҳои зери хатар — коргарони фермаҳо, чорводорон ва аҳолии деҳот — ба таври эътимоднок муҳофизат

карда шавад. Натиҷаҳои кор инчунин сифат ва бехатарии маҳсулоти ширию гӯштиро кафолат дода, сатҳи солимӣ ва амнияти беҳдоштии ҷомеаро баланд мебардоранд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар асоси маводи илмии диссертатсия 20 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шуда, арзиши назариявӣ ва амалии онҳо тасдиқ мегардад.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ. Самти тадқиқоти илмӣ пурра ба талаботи бандҳои 3.7 ва 3.8-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад ва ба ихтисоси 4.3.2.Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад рост меояд.

Диссертатсия ва автореферати баррасишуда ҳамчун як кори илмии комилан анҷомёфта арзёбӣ мегарданд, ки дар онҳо натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ инъикос ёфтаанд. Тадқиқот тамоми фаслҳои зарурӣ, бахшҳои илмӣ ва қисматҳои методологиро дар бар гирифта, бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия шудааст ва ҳадафҳои муайяни илмиро ба таври мушаххас пайгирӣ менамояд.

Диссертатсия ва автореферат, ки мундариҷа ва сохтори онҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд, ба таври дуруст ва илмӣ тартиб дода шудаанд. Матн бо тарҷумаи баробар ба забони тоҷикӣ пешниҳод гардида, хулоса (аннотатсия) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия шудааст. Тадқиқот дорои миқдори кофии маводҳои мустаҳками иллюстративӣ , — диаграммаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо — мебошад, ки ба дақиқии таҳлил ва шаффофияти натиҷаҳо мусоидат мекунад.

Ҳарчанд рисола дар кофии илмӣ таҳия шудааст, баъзе нуқтаҳои баҳсӣ ва ислоҳталаб мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла:

1. Мувофиқи талаботҳои байналмилалии номенклатураи биологӣ ва стандартҳои нигориши илмӣ, зарур буд, ки номҳои лотинии микроорганизмҳо (масалан, *Bacillus subtilis*) дар тамоми матни рисола ва автореферат бо ҳуруфи моил (курсив) навишта мешуданд.
2. Дар матни рисола ва ё автореферат ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки номи намуди бактерияҳо бо ҳуруфи калон навишта шудааст, ҳоло онки мувофиқи қоидаҳои байналмилалии номенклатураи биологӣ, номи намуд бояд ҳамеша бо ҳуруфи хурд ва бо тарзи моил (курсив)

ифода карда шавад (масалан, ба ҷойи *Bacillus Subtilis* мебоист *Bacillus subtilis* навишта мешуд).

3. Дар боби «Мавод ва усулҳои тадқиқот» қисматҳои асосии методологӣ ҷой дода нашудаанд. Барои эътимоднокии бештари натиҷаҳо, зарур буд, ки меъёрҳои мушаххаси статистикӣ ва таъминоти барномавӣ (компютерӣ) қайд карда мешуданд, зеро бе ин унсурҳо арзёбии саҳехии (*p*) хулосаҳои диссертатсия душвор мегардад.
4. Вазифаи 1-ми диссертатсия "Таҳлили вазъи эпизоотӣ ва эпидемӣ оид ба сили чорвои калони шохдор ва одамон дар Тоҷикистон ....." ва зербанди 3.2 боби 3 ҳамчун "Таҳлили вазъи эпидемиологӣ оид ба бемории сили одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" оварда шудааст. Мутаасифона, хулоса мутаносиби зербанди 3.2 диссертатсия вуҷуд надорад.
5. Дар бобҳои натиҷавии рисола як қатор расмҳое оварда шудаанд (расмҳои аз 2 то 9 ва ғайраҳо), ки хусусияти хоси натиҷагирии илмӣ надошта, бештар ҷараёни методологии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Тасвирҳои марбут ба тарзи кишти микобактерияҳо, инкишофи онҳо дар муҳитҳои ғизоӣ ва рангуборкунии молишакҳо мувофиқи мақсад буд, ки дар боби 2 («Мавод ва усулҳои тадқиқот») ҳамчун аёнияти усулҳои истифодашуда ҷой медод, на дар бобҳои натиҷаҳои хусусӣ.
6. Дар нишондиҳандаҳои рақамии ҷадвалҳои диссертатсия хатогии миёнаи арифметикӣ ($\pm m$) қайд нагардидааст, ки ин саҳеҳияти омории натиҷаҳои бадастомадаро коҳиш медиҳад.
7. Ҳангоми ороиши техникии матни диссертатсия ва автореферат, фосилаи (интервали) зарурӣ байни сатрҳои матни асосӣ ва маводҳои аёнӣ (ҷадвалҳо ва расмҳо) риоя нагардидааст, ки ин нуқсон усули ягонаи нигориши корро халалдор месозад.
8. Дар қисми "Хулосаҳо"-и диссертатсия шумораи бандҳо барзиёд нишон дода шудааст (7 банд). Азбаски омӯзиши қобилияти зиддибактериявии парвардаи *Bacillus subtilis* ҳамчун вазифаи тадқиқотӣ пешбинӣ нашудааст, зарурати ворид намудани банди алоҳидаи хулоса оид ба қобилияти парвардаи мазкур вуҷуд надорад.

Бояд таъкид кард, ки эродҳои зерин арзиши умумии кори анҷомёфтаро коҳиш надода, ба боэътимодии натиҷаҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии тадқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири *Bacillus subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст, корномаи пурмазмун, боэътимод, навоварона ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Профессори кафедраи микробиология,
вирусология ва иммунологияи
МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»,
доктори илмҳои тиб
аз рӯи ихтисоси 03.00.07 – Микробиология,
профессор Саторов С.

23 июни соли 2026

Суроға: 734019, ҶТ ш. Душанбе,
кучаи Б. Ҳамдам 2, М1, 5/18
Телефон: 992987842424
E-mail: satorov1955@gmail.com

Имзои Саторов С. –ро
“Тасдиқ мекунам”
Сардори шуъбаи кадрҳо Қарахонзода М.

Суроғаи муассиса: 734042, ҶТ, ш. Душанбе, ,
Телефон: (+992) 918 67 74 48
E-mail: dtit082020@gmail.com

24 июни соли 2026